**Нусха аз**

**СУРАТҶАЛАСАИ № 32**

**аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 24-уми июни соли 2024 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок дорад.

**РӮЗНОМА:**

2. Баррасии хулосаи комиссияи экспертии назди Шурои диссертатсионӣ ва иҷозат додан ба ҳимояи диссертатсияи **Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин** дар мавзуи **“Масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), барои таъйин кардани муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва муайян кардани санаи баргузории ҳимояи кушоди диссертатсия.

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи аввали рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, барои шинос намудани аъзои Шуро бо хулосаи комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ суханро ба Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович вогузор намуд.

**БАРОМАД КАРД:**

Раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Ш.А. баромад намуда, баён дошт, ки: “Ҳайати комиссияи ташхисии диссертатсияи **Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин** дар мавзуи **“Масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони**

**синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) диссертатсия ва автореферати корро мавриди омӯзиш қарор дода, дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи мундариҷа ва мақсади таҳқиқот ҳайати комиссияи ташхисӣ ба хулоса омад, ки номи мавзуи диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин ҷузъан тағйир дода шавад, яъне диссертатсия таҳти унвони «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таърих у кишваршиносӣ» барои ҳимоя қабул карда шавад.

Таҳқиқоти мазкур ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Комиссияи тахшхисии назди Шуро диссертатсия ва автореферат ва интишороти унвонҷӯро дар асоси талаботи бандҳои 53-60-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ташхис, таҳлил ва баррасӣ намуда, онро бо пешниҳоди хулосаи мусбат барои қабул ба ҳимоя тавсия менамояд.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи ташхисиро шунида, чунин қарор қабул намуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин** дар мавзуи **“Масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Муқаррizi расмии аввал – Давлатзода Ҷамила** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор.

**Муқаррizi расмии дуюм – Аҳророва Гулчеҳра Усмоновна –** номзади илмҳои филогогӣ, дотсент, муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Рӯйхати аъзои Шуро, ки рамзи ихтисосашон бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст, тасдиқ карда шавад:

- **Сабурӣ Х.М.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Абдуллоева М.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Шаропов Ш.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Хоҷаева М.Ҷ.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;

4. Санаи ҳимояи диссертатсия 5-уми сентябри соли 2024, соати $8^{00}$ таъйин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 11 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.